**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА – 062**
**назди Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон**

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051701 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ (қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023, № 295)

Парвандаи аттестатсионии № ____________
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 24.11.2025, № 25

Барои сазовор донистани Маҳмадалиев Насриддин Каримович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051701 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ

Диссертатсияи Маҳмадалиев Насриддин Каримович дар мавзуи «Асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) ) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051701 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ санаи 24 ноябри соли 2025, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, протоколи №23, Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 062 назди Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон, (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода 30), ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.04.2025, таҳти №168/шд таъсис дода шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Маҳмадалиев Насриддин Каримович 01.01.1992 санаи таваллуд, миллат тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Соли 2014 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро аз рӯйи ихтисоси менеҷмент бо дарҷаи бакалавриат хатм намудааст.

Соли 2017 Донишгоҳи техникии Караденизи Ҷумҳурии Туркияро аз рӯйи ихтисоси менеҷмент бо дараҷаи магистр хатм намудааст.

Бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 29 сентябри соли 2018 №1455 ба зинаи докторантура қабул карда шуда, онро соли 2021 бо муваффақият хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатиашро баъдаз хатми донишгоҳ оғоз намуда, солҳои 2017-2020 ба ҳайси сардори Маркази рушди касбият ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ кор ва фаъолият намудааст. Солҳои 2019 то 2022 ба ҳайси роҳбари Маркази забономӯзии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ кору фаъолият намудааст. Ҳамзамон аз соли 2017 ҳамчун ассистенти кафедраи назарияи иқтисодии донишгоҳи мазкур ба корҳои илмию таълимӣ машғул мебошад.

Диссертатсия дар мавзуи «Асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) ) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051701 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ

санаи 24-уми ноябри соли 2025 дар шурои диссертатсионии 6D.KOA – 062 назди Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон ҳимоя намуд.

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

Ҳодиев Дадахон Абдуллоевич - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Раҷабов Раҷаб Кучакович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

2. **Мирзоева Евгения Шуджоатбековна** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон - ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, шаҳри Душанбе.

Дар хулосаи мусбат додашудаи муассиса, ки аз тарафи муқарризи он, Носирзода Ҳусейн Саъдулло номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкорӣ баррасӣ ва муҳокима карда шудааст (суратҷаласаи №04, аз 05.11.2025) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Satторзода Бобоҷон Абдуҷаббор тасдиқ шудааст, қайд шуд, ки диссертатсияи Маҳмадалиев Насриддин Каримович дар мавзуи «Асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) ) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051701 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ кори илмию таҳқиқотии мустақилона ба итмомрасида дониста шуда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисос, ки бо “Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” муқарар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) ) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051701 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ сазовор мебошад.

Дар хулосаи мусбат додашудаи муассиса қайд шуд, ки Маҳмадалиев Насриддин Каримович довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 17 интишороти илмӣ, аз ҷумла 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопшуда дорад.

**Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст:**

**[1-М].** Маҳмадалиев Н.К. Асосҳои консептуалии механизми тиҷоратикунонии навоварӣ/ Н.К. Маҳмадалиев // Паёми Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон: бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2020. – № 6. – С. 174-178. ISSN: 2413-5151.

**[2-М].** Маҳмадалиев Н.К. Вазъи муосири тиҷоратикунонии навоварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: Муаммо ва дурнамои рушд/ Н.К. Маҳмадалиев, Р.Т.Каримов, Ш.А.Кодирзода // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон: бахши иқтисодиёт. – Душанбе, 2020. – № 3(42). – С.122-133.

**[3-М].** Маҳмадалиев Н.К. Тадқиқи омилҳои таъсиррасон ба механизми тиҷоратикунонии навоварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н.К.Маҳмадалиев, Р.Т.Каримов, Ш.А.Кодирзода // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон: бахши иқтисодиёт. – Душанбе, 2020. – № 4(43). – С.152-160.

**[4-М].** Маҳмадалиев Н.К. Рушди дастгирии давлатии механизми тиҷоратикунонии навоварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н.К. Маҳмадалиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2021. – № 4. – С. 111-117. ISSN: 2413-5151.

**[5-М].** Маҳмадалиев Н.К. Ташаккули муҳити мусоиди институтсионалии тиҷоратикунонии навовариҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон/ С.Ҷ.Комилов, Д.А.Ҳодиев, Н.К.Маҳмадалиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2022. – № 7. – С. 61-70. ISSN: 2413-5151.

**[6-М].** Маҳмадалиев Н.К. Асосҳои консептуалии инишофи инфрасохтори тиҷоратикунонии навовариҳо / С.Ҷ.Комилов, Д.А.Ҳодиев, Н.К. Маҳмадалиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2024. – № 3. – С. 173-181. ISSN: 2413-5151.

**[7-М].** Махмадалиев Н.К. К вопросу о коммерциализации инновации / Д.А.Ходиев, Н.К. Махмадалиев // Вестник Таджикского национального университета: серия социально-экономических и общественных наук – Душанбе, 2025. – №.6. – С. 35-43. ISSN: 2413-5151.

**Интишорот дар дигар нашрияҳои илмӣ:**

**[8-М].** Маҳмадалиев Н.К. Ҷанбаҳои назариявии тиҷорати навоварӣ дар шароити муосир / Н.К. Маҳмадалиев // Маводи конфронси илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ оид ба ҷамъбасти корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар соли 2018 Бахшида ба солҳои 2019-2021 “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” (ш.Кӯлоб, 26-27 апрели соли 2019). Душанбе: “Промэкспо”, 2019. С. 74-76.

**[9-М].** Махмадалиев Н.К. Теоретические аспекты коммерциализации инновации в современных условиях / Н.К.Махмадалиев, Д.А.Ходиев // Материалы VI Международной научно-практической конференции “Global science and innovations 2019: Central Asia”. (г. Нур-Султан, 9-13 мая 2019 года), № 6 ТОМ. – Нур-Султан (Астана), 2019. – С.109-114.

**[10-М].** Маҳмадалиев Н.К. Тавсияҳо оид ба такмили механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар Тоҷикистон / Н.К.Маҳмадалиев // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ оид ба ҷамъбасти корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соли 2020 Бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти

давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва солҳои 2020-2040 "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ" (ш.Кӯлоб, 27-30 апрели соли 2021). - Кӯлоб, 2021. Ҷ.1. - С. 287-291.

**[11-М].** Маҳмадалиев Н.К. Таҷрибаи хориҷии механизми тиҷоратикунонии навовариҳо/ Н.К. Маҳмадалиев // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ оид ба ҷамъбасти корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соли 2020 Бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва солҳои 2020-2040 "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ" (ш.Кӯлоб, 27-30 апрели соли 2021). - Кӯлоб, 2021. Ҷ.1. - С.291-295.

**[12-М].** Маҳмадалиев Н.К. Ояндабинии соҳаи саноат дар доираи ҳадафи чоруми кишвар / Н.К. Маҳмадалиев // Масъалаҳои мубрами илму маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (ш.Кӯлоб, 26-уми декабри соли 2020). - Кӯлоб, 2020. Қ.1. - С.462-464.

**[13-М].** Маҳмадалиев Н.К. Заминаҳои асосии рушди механизмҳои тиҷоратикунонии навоварӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н.К.Маҳмадалиев // Вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи пандемияи коронавирус (COVID-19) / Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (ш.Кӯлоб, 11-уми декабри соли 2021). - Кӯлоб, 2021. - С.186-190.

**[14-М].** Маҳмадалиев Н.К. Даромадҳои андозӣ дар ташаккулёбии буҷети давлатӣ / Н.К.Маҳмадалиев // Дастгирии тадқиқоти мустақили таҳлилӣ ва ҷалби ҷомеаи академӣ дар доираи барномаи "Дастгирии идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-таҳлилии Институти "Ҷамъияти Кушода" - Бунёди мадад дар Тоҷикистон, силсилаи сеюм (ш.Душанбе, 14-уми декабри соли 2018) - Душанбе, 2018. - С.12-15.

**[15-М].** Маҳмадалиев Н.К. Рушд ва такмили механизми тиҷоратикунонии навовариҳо – яке аз зинаҳои муҳимми рушди иқтисодиёти миллӣ / Н.К.Маҳмадалиев // дар Рушди иқтисодиёти миллӣ дар 30 соли истиқлолият/ Маводи конференсияи шаҳрӣ бахшида ба 30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш.Кӯлоб, 10-уми ноябри соли 2021). - Кӯлоб, 2021. - С.66-72.

**[16-М].** Махмадалиев Н.К. Основы формирования механизма коммерциализации инновации / Н.К.Махмадалиев // Инновационные доминанты социально-трудовой сферы: экономика и управление / Материалы ежегодной международной научно-практической конференции по проблемам социально-трудовых отношений (22 заседание) (Воронеж, 25 мая 2022 года). – Воронеж, 2022. – С.172-177.

**[17-М].** Маҳмадалиев Н.К. Ташкили оқилонаи низоми тиҷоратикунонии навовариҳо дар Тоҷикистон / Н.К.Маҳмадалиев // Современное состояние взаимодействия науки с производством и инновационное развитие экономики / Материалы международной научно-практической конференции, посвященная празднованию 30-летия XVI-й сессии Верховного Совета Республики

Таджикистан, и 10-летия образования Филиала НИТУ “МИСиС” в г. Душанбе) (г.Душанбе, 2022 г.). - Душанбе: “ТОРУС” 2022. - С.69-75.

Ба автореферати диссертатсия тақризҳо аз тарафи шахсони зерин ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудааст:

**1. Досиев Маҳмадшоҳ Назарович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст ва чунин эродҳо дорад: 1) Дар саҳифаи 11 (расми 2 сохтори механизми тиҷоратикунонии навоварӣ) аз ҷониби муаллиф таҳия карда шудааст, аммо механизми дохилӣ ва хориҷии механизми тиҷоратикунонии навовариҳо пурра шарҳ дода нашудааст. 2) Дар қисмати назариявии мавзуи таҳқиқотӣ таърифи мунаққидонаи муаллиф оид ба тиҷоратикунонии навовариҳо ба таври мушаххас баён нашудааст.

**2. Алиджанов Джамшед Абдукаюмович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи назарияи иқтисодии МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров. Тақриз мусбат аст ва чунин эродҳо дорад: 1) Муҳимияти мавзуи диссертатсия бо далелу рақамҳои воқеӣ ва стратегияҳо, барномаҳои давлатӣвобаста ба мавзӯи таҳқиқотӣ асоснок карда мешуд, бисёр ба маврид мебуд. 2) Дар саҳифаи 15 (ҷадвали 3 динамикаи рушди навоварӣ ва тиҷорати навоварӣ дар ҶТ дар давраи солҳои 2000-2022) таҳлил карда шудааст, аммо бисёр ба маврид мебуд дар ҷараёни таҳқиқот ҳадди ақал панҷ соли охирро мавриди таҳлил қарор медод.

**3. Бобозода Комил Олимджон** - доктори илмҳои иқтисодӣ, директори Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ. Тақриз мусбат аст ва чунин эрод дорад: 1) Навоварии илмӣ бештар ба сатҳи тавсифӣ маҳдуд буда,ҷиҳатҳои инноватсионии воқеии он ба механизми пешниҳодшуда кам инъикос ёфтааст.

**4. Зувайдуллозода Ганҷина Холмурод** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тақриз мусбат аст ва чунин эрод дорад: 1) Муаллиф бо истифода аз маълумотҳои оморӣ ҷатвалҳо тартиб додааст аммо дар матни автореферат таҳлили баъзе аз ҷадвалҳо гузаронида нашудааст. (ба мисоли ҷадвали 3,5,6).

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ, инчунин, бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувори онҳо дар доираи таҳқиқи масъалаҳои идоракунии рушди устувори инноватсионӣ, мавчудияти интишороти онҳо дар соҳаи мазкур ва аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин, бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди такриз муайян карда шуда, дар асоси қарори шурои диссертатсионии 6D.KOA062 аз 12-уми сентябри соли 2025, №23, тибқи талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295 тасдиқ гардидааст, тайъин гардидааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад**, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ корҳои зерин анҷом дода шудаанд:

***равиши консептуалии*** ташаккул ва татбиқи механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ коркард карда шудааст, ки принсипҳо, абзорҳо, зерсохторҳо ва пайвандҳои функсионалии онро дар як низоми ягона муайян менамояд. Дар ин замина механизми тиҷоратикунонии навовариҳоро ҳамчун маҷмӯи ҳамгирои унсурҳои институтсионалӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, маркетингӣ ва технологӣ шарҳ дода мешавад, ки шаклҳои муосири интиқоли дониш, тарҳрезӣ ва воридсозии натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ба гардиши бозориро фаро гирифта, хусусияти бисёрзинагии ҷараёни тиҷоратикунонии навовариро ифода мекунад;

***ғояи нави илмӣ*** пешниҳод шудааст, ки қонуниятҳои ташаккул ва ҳаракоти дохилии механизми тиҷоратикунонии навовариҳоро дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ асоснок менамояд. Тибқи он ҷараёни тиҷоратикунонии навоварӣ на ҳамчун амалиёти ҷудогонаи бозорӣ, балки ҳамчун система бо сохтори бисёрзинагӣ ва қонуниятҳои дохилии худ дар назар гирифта шуда, робита, пайдарпайӣ, мутобиқшавӣ ва таъсири байниҳамдигарии унсурҳои институтсионалӣ, иқтисодӣ, технологӣ ва маркетингии раванди мазкур ҳамчун омилҳои ташаккулдиҳандаи самаранокии интиқол ва тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ маънидод мегарданд;

***сохтори институтсионалии*** муҳити инкишофи фаъолияти тиҷоратикунонии навовариҳо пешниҳод шудааст, ки дар он унсурҳои асосии таъсиррасон, аз ҷумла институтҳои давлатӣ, инфрасохторҳои дастгирии илмиву техникӣ, марказҳои интиқоли технология, механизмҳои танзими ҳуқуқӣ, абзорҳои ҳавасмандсозии иқтисодӣ ва субъектҳои бозорӣ ҳамчун як низоми муттаҳид ва баҳамалоқаманд таъриф гардида, нақши онҳо дар ташаккул, ҳамоҳангсозӣ ва такмили равандҳои тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ба таври мантиқӣ асоснок карда шудааст;

***мафҳумҳои ба таври анъанавӣ*** маъмули «навоварӣ», «тиҷоратикунонии навовариҳо» ва «механизми навоварӣ» бо назардошти хусусиятҳои иқтисодиёти инноватсионӣ, табиати бисёрзинагии раванди навҷорисозӣ ва нақши робитаҳои институтсионалӣ, иқтисодӣ, технологӣ ва бозорӣ дар шароити муосир, бозбинӣ шудаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ ба он асоснок карда шудааст, ки:**

***муқаррароти назариявии*** ташаккул ва инкишофи механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти навоварона бо таваҷҷуҳ ба маҳдудиятҳои молиявӣ, норасоии инфрасохтори дастгирии инноватсия, сатҳи нокифояи институтсионализатсия ва зарурати такмили механизмҳои ҳавасмандсозии иштирокчиёни бозор асоснок шудаанд, ки имконият медиҳад нақши муассисаҳои илмӣ, донишгоҳҳо ва марказҳои навоварӣ ҳамчун муҳаррики асосии тавлид, интиқол ва тиҷоратикунонии донишҳои илмӣ-

технологӣ ва пояи ташаккули экосистемаи миллии инноватсия исбот карда шавад;

***принсипҳои асосии*** ташаккули механизми тиҷоратикунонии навовариҳо, аз ҷумла, принсипи мутобиқшавӣ, ҳамгироӣ, зерсохторсозӣ, ҳавасмандсозии институтсионалӣ, такмили занҷираи арзиш ва афзалияти таъсири бозорӣ коркард шудаанд, ки дар маҷмуъ имконият медиҳанд мантиқ, сохтор ва қонуниятҳои амалиёти тиҷоратикунонии навовариҳо аз нигоҳи назариявӣ ва методологӣ мукаммал ва такмил дода шаванд.

**Вобаста ба масъалаҳои дар диссертатсия ҷойдошта самаранок, яъне бо ноил гардидан ба натиҷаҳои мушаххас,** усули монографӣ, таҳлил ва синтез, таҳлили оморӣ, усули математикию иқтисодӣ, усули таҳлилию қиёсӣ, усули таҷрибавию озмоишӣ ва амсоли он истифода шудаанд. Истифодаи усулҳои зикршуда самаранокӣ ва асоснокии натиҷаҳо, хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмиро таъмин намуданд.

***далелҳои илман*** асоснокшуда баён шудаанд, ки робитаи сабаб ва натиҷаро дар раванди ташаккул, татбиқ ва тиҷоратикунонии навовариҳо муайян намуда, таъсири омилҳои институтсионалӣ, молиявӣ, инфрасохторӣ ва технологиро ба самаранокии гардиши инноватсионӣ шарҳ медиҳанд ва нишон медиҳанд, ки самти ҳаракати ин раванд бе таъсиси муҳити мусоиди ниҳодӣ ва механизми муназзами дастгирии бозории натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ наметавонад ба натиҷаҳои устувори рушди инноватсионӣ оварда расонад;

***бо таваҷҷуҳ ба таҳлили*** шароити воқеии фаъолияти инноватсионӣ ва сатҳи ҳамгироии инфрасохтори дастгирии навовариҳо зиддиятҳои системавӣ байни талаботи рӯзафзуни бозор ба маҳсулоти инноватсионӣ ва қобилияти институтсионалӣ-технологии субъектҳои илмӣ, истеҳсолӣ ва соҳибкорӣ ошкор карда шудаанд, ки маншаи ноустувории раванди тиҷоратикунонӣ гардида, ба коҳиши суръати воридшавии натиҷаҳои илмӣ ба гардиши иқтисодӣ ва маҳдуд шудани имкониятҳои рушди иқтисодиёти навоварона оварда мерасонанд;

***омилҳои боздорандаи*** фаъолияти инноватсионӣ мавриди тадқиқ ва омӯзиш қарор гирифта, муайян карда шуд, ки маҳдудиятҳои инфрасохтори тиҷоратикунонии навовариҳо бо таваҷҷуҳ ба норасоии марказҳои интиқоли технология, сустии шабакаҳои дастгирии соҳибкории хурду миёна, камбуди абзорҳои маркетингӣ ва набудани механизмҳои муассири ҳавасмандсозии бозорӣ ба суръат ва самаранокии воридсозии натиҷаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба истеҳсолот таъсири манфӣ расонда, устувории механизми тиҷоратикунонии навовариҳоро коҳиш ва қобилияти ҷалби сармояи инноватсиониро заиф мегардонанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

***тавсияҳо ва усулҳои*** дар диссертатсия коркард шуда, аз ҷумла, механизми ниҳодии ташаккул ва рушди фаъолияти навоварона бо таваҷҷуҳ ба нақши калидии тиҷоратикунонии навовариҳо дар раванди тадрис дар Донишгоҳи давлатии ш. Кулоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ ва ҳангоми таҳияи барномаҳои стратегӣ аз ҷониби Вазорати  саноат ва рушди технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки бо санади татбиқ тасдиқ шудаанд;

***ҳудудҳо ва ояндаи*** истифодаи тавсияҳои муаллиф ҷиҳати тақвияти ҳамгироии илм ва истеҳсолот бо таваҷҷуҳ ба таъмини самаранокии фаъолияти маркетингӣ ҳамчун омили муҳимтарини рушди фаъолияти тиҷоратикунонии навовариҳо дар раванди татбиқи барномаҳои стратегии рушди навоварӣ, рақамикунонии соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои сабз ошкор шудаанд;

***амсилаи иқтисодию риёзии*** омилҳои инкишофи тиҷоратикунонии донишҳои нав дар муассисаҳои таълимӣ ва марказҳои илмӣ коркард шудааст, ки дар асоси санҷиши зарибҳои тағйирёбандаҳои вобаста (“марҳилаҳои асосии тиҷоратикунонии дониш”, “омилҳои асосии таъсирбахши тиҷоратикунонии дониш”, “омилҳои ташкилии тиҷоратикунонии дониш” ва “нишондиҳандаҳои тиҷоратикунонии дониш”) ва тағйирёбии нишондиҳандаи мустақил (“тиҷоратикунонии дониш”)–ро бо дараҷаи баландии эътимоднокӣ пешгӯӣ менамояд ва имкони муайян намудани самаранокии тағйироти институтсионалӣ, ташкилии истеҳсолӣ ва инфрасохторӣ дар рушди фаъолияти навоваронаро фароҳам меорад;

***пешниҳодҳо*** барои такмили минбаъдаи механизми тиҷоратикунонии навовариҳо бо таваҷҷуҳ ба зарурати таҳкими муҳити институтсионалӣ, такмил додани инфрасохтори дастгирии инноватсия, баланд бардоштани самаранокии абзорҳои маркетингӣ ва татбиқи воситаҳои ҳавасмандсозии иқтисодӣ муаррифӣ шудаанд, ки амалӣ гардонидани онҳо метавонад ба афзоиши тиҷоратикунонии навовариҳо, баланд шудани суръати интиқоли технологияҳои нав ба истеҳсолот ва устувории иқтисодиёти навоварона мусоидат намояд;

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** нишон доданд, ки:

**барои корҳои таҷрибавӣ -** озмоишҳо, маълумотҳои боварибахш, ҳаҷми кифояи маводи таҳқиқ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва маводи чопшуда, онро тасдиқ менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо бар таҳлили илмии натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот асос ёфтаанд;

***назарияи тадқиқот*** бо таваҷҷуҳ ба муқаррароти появии назарияи иқтисодиёти навоварона, менеҷмент ва маркетинги стратегӣ, инчунин идоракунии равандҳои тиҷоратикунонии навоварӣ тарҳрезӣ шудааст ва инкишофи фаъолияти тиҷоратикунонии навовариҳоро дар шароити маҳдудиятҳои инфрасохторӣ, молиявӣ ва институтсионалӣ инъикос менамояд, ки дар маҷмуъ имкон медиҳад қонуниятҳои ташкилӣ-иқтисодии тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ муайян карда шавад;

***ғояи тадқиқот ба*** таҳлили маълумоте асос меёбад, ки дар маҷмӯи нашрияҳои расмӣ ва даврии оморӣ нашр шудаанд ва хусусиятҳои раванди ташаккул ва рушди механизми тиҷоратикунонии навовариҳоро дар шароити иқтисодиёти навоварона инъикос менамоянд, инчунин ба маълумоте, ки худи довталаб дар ҷараёни омӯзиш ва ҷамъоварии амалӣ ҳосил кардааст;

***барои таҳқиқ*** усулҳои таҳлил ва синтез, моделсозӣ, гурӯҳбандии оморӣ, муқоиса, классификатсия, баҳодиҳии коршиносон, пурсишҳои анкетавӣ ва дигар воситаҳои тадқиқоти илмӣ истифода шудаан;

***муайян шудааст, ки*** натиҷаҳои дар раванди тадқиқот ба дастомада бо натиҷаҳои тадқиқоти доираҳои илмии кишварҳои пешрафта, давлатҳои

пасошӯравӣ ва манбаҳои мустақили таҳлилии байналмилалӣ, инчунин натиҷаҳои тадқиқоти олимони ватанӣ, барномаҳо ва стратегияҳои давлатии дар соҳаи илм, инноватсия ва рақамикунонӣ қабул шуда мувофиқат мекунанд, ки собит мекунад самтгирии назариявӣ ва методологии таҳқиқот дорои эътибори илмӣ буда, дар чорчӯби тамоюлҳои ҷаҳонӣ ва стандартҳои муосири рушди иқтисодиёти инноватсионӣ қарор дорад;

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он ифода меёбад, ки:

- давраҳои иҷрои таҳқиқот бо иштироки бевоситаи муаллиф ба амал омадааст;

- муаллиф мавзуи таҳқиқотро мустақилона интихоб намуда, муҳиммият, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро асоснок ва нақшаи мантиқии иҷрои таҳқиқоти илмиро таҳия намудааст;

- унвонҷӯ дар заминаи омӯзиши асосҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба мафҳуму моҳияти такмилдиҳии механизми тиҷоратикунонии навовариҳо, роҳҳои дар шароити Ҷумуҳурии Тоҷикистон татбиқ намудани он, бо роҳи таҳия ва пешниҳоди механизмҳо, усулҳо ва модели иқтисодӣ-риёзии рутбабандии омилҳои инкишофи тиҷоратикунонии донишҳои нав дар муассисаҳои таълимӣ ва марказҳои илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, хулоса ва тавсияҳои муфид пешниҳод намудааст;

- муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда шахсан аз ҷониби муаллиф таҳия гаштааст;

- иштироки бевоситаи муаллиф дар тадқиқот бо нашри мақолаҳои илмӣ оид ба мавзуи рисолаи илмӣ ва маърӯзаҳои ӯ дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ асоснок карда мешавад;

- омода ва чоп намудани 17 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 7-адад мақолаи илмӣ дар нашриятҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Маҳмадалиев Насриддин Каримович дар мавзуи «Асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) ) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051701 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои аҳамияти мубрам, навгониҳои илмӣ ва амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявию методии идоракунии рушди устувори инноватсионӣ саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 1.1; 1.6; 1.8; 1.14 ва 1.27-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D051701 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-062 аз санаи 24.11.2025 қарори сазовор донистани Маҳмадалиев Насриддин Каримович бо дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) ) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051701 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 9 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 8 нафар.

Аз 9 нафар иштирокдоштагон дар маҷлис, ки ба шуро шомил буданд, ба таври иловагӣ барои ҳимояи якдафъаина 9 нафар ворид карда шуданд. Овоз доданд: тарафдор 9, муқобил - нест, бюллетени беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** ________ **Комилов Сироҷиддин Ҷалалиддинович**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** ________ **Раҷабова Ильмира Рустамовна**

аз 24 ноябри соли 2025

МОУ ВО «РОССИЙСКО-ТАДЖИКСКИЙ (СЛАВЯНСКИЙ) УНИВЕРСИТЕТ» * МБТО «ДОНИШГОҲИ (СЛАВЯНИИ) РОССИЯ ВА ТОҶИКИСТОН» * УПРАВЛЕНИЕ НАУКИ И ИННОВАЦИЙ РАЁСАТИ ИЛМ ВА ИННОВАТСИЯ